**ТАҚРИЗ**

**ба рисолаи илмии Саодати Раҳмоналӣ дар мавзуи «Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои тасилоти миёнаи умумӣ» (Дар мисоли ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Дар раванди ҷаҳонишавӣ доираи муносибатҳои байналмилалӣ ва майдони равобити сиёсӣ, адабию маданӣ васеъ гардида, зарурати ташаккули ҷаҳони фарохи илмӣ, дониши ба талаботи даврони муосир ҷавобгӯ ва аҳлоқи ҳамидаю иродаи мустаҳкамро тақозо дорад. Тарғиби ватанпарварию ватандӯстӣ, ҳимояи марзу буми аҷдодӣ, ахлоқи ҳамида, донишандӯзӣ ифтихори миллӣ ва худшиносию худогоҳии миллӣ (ҳарчанд ки вожаҳои худшиносию худогоҳии миллӣ дар осори адибону шоирони классики тоҷик ва ҳатто дар эҷоди адибони даврони шӯравӣ бо ин ном маъруфият надоштанд), дар тарбияи ватандӯстӣ ва худогоҳию хештаншиносии наслҳои наврасу ҷавонон нақши хоса доштанд. Дар ин ҷо мероси илмию адабии шоирону нависандагон ва мутафаккирони барҷастаи тоҷику форс ва муосир нақши беқиёс ва аҳамияти ниҳоят муҳим дорад.

Бо назардошти Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмун ва мундариҷаи таълим бояд ба тарбияи тарғиби ватанпарварию ватандӯстӣ, ҳимояи марзу буми аҷдодӣ, ахлоқи ҳамида, донишандӯзӣ, ифтихори миллӣ, худшиносию худогоҳии миллӣ ва фароҳам овардани шароитҳои мусоиди таълимию тарбиявӣ бо мақсади корбандӣ намудани он равона карда шавад.

Яке аз ҷузъҳои тарбияи ватандӯстӣ ва худшиносӣ зеҳнӣ ва эҳсосӣ, яъне дарк кардан, фаҳмидан, ҳис кардан, таваҷҷуҳ кардан ва ғайра. Ҷузъи эҳтиёҷмандии ватандӯстӣ ва худшиносии шахсият ҳамчун маҷмӯи ниёзҳои ватандӯстӣ, ангезаҳои устувор, омодагӣ ба фаъолияти ватандӯстӣ зоҳир мешавад. Ҷузъи амалӣ ва татбиқии ватандӯстӣ ҳамчун маҷмӯи амалҳои мухталиф ба манфиати Ватан, ҷомеа, одамон ифода мегардад. Самтҳои асосии тарбияи ватандӯстӣ: маънавӣ-ахлоқӣ;, иҷтимоӣ-гуманистӣ, таърихӣ-халқӣ ва шаҳрвандӣ-сиёсӣ мебошанд.

Истифодаи педагогикаи оммавӣ дар муассисаҳои муосири таълимӣ барои тарбияи ватандӯстӣ ва худшиносӣ махсусан муҳим аст. Онҳо таърих, ҳаёт ва зиндагии мардумро ранговванг ва ифода мекунанд, вижагиҳои забон, анъана, фарҳанги он ва ғайраҳоро инъикос менамояд.

Асоси ташаккули сифатҳои ватандӯстӣ ва худшиносӣ дар байни насли ҷавон муҳити миллии таълимӣ мебошад, ки тамоми соҳаҳои муассисаи таълимиро фаро мегирад. Муҳассилине, ки ба сарвати фарҳангии ниёкони худ пайвастаанд, мардуми худро хубтар медонанд ва ҳеҷ гоҳ намегузоранд, ки онҳоро дар назди дигар миллатҳо ҷойгир кунанд, онҳо мекӯшанд, ки сазовори мақоми қаҳрамонони миллӣ шаванд. Агар муҳассил дар ҳама соҳаҳои муассисаи омӯзгори оммавӣ бошад, беҳтарин вижагиҳои миллӣ ташаккул меёбанд.

Аз ин нуқтаи назар мавзуи интихобнамудаи муҳаққиқ Саодати Раҳмоналӣ дар мавзуи «Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои тасилоти миёнаи умумӣ» (Дар мисоли ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб) мубраму саривақтӣ маҳсуб ёфта, тадбирҳои дар амал татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” ва Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022-ро дар тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон роҳандозӣ менамояд.

Тавре таҳқиқгар Саодати Раҳмоналӣ қайд намудааст, пажӯҳиши масъалаи тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои тасилоти миёнаи умумӣ ҳамон вақт аҳамияти илмию амалиро касб мекунад, ки ашъори адабии адибон баҳри самаранокии таълиму тарбяи хонандагон истифода шавад.

Дар ин асос мақсади таҳқиқотро муайян намудааст, ки он муайян кардани ғояҳои ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб ва истифодаи он дар тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар бар мегирад.

Ҷиҳати ноил шудан ба мақсад, санҷишу тасдиқи фарзияи гузошташуда барои роҳандозӣ намудани вазифаҳои гузошташуда, муҳаққиқ таҳқиқоти зеринро ба анҷом расонидааст:

- асосҳои педагогии тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ҳамчун як ҷузъи ҷараёни омӯзиш мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифт;

- сатҳи тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон муайян карда шуд .

- воситаҳои самараноки тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ошкор карда шуд.

- вазъи адабӣ, фарҳангӣ ва рушди афкор оид ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар даврони муосир, аз он ҷумла сарчашма ва манбаъҳои асосии пайдоиш ва инкишофи ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибон ҳавзаи Кӯлоб таҳқиқ гардид.

- ғояҳои ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибон ва коркарди амсилаи педагогии истифодаи онҳо дар тарбияи хонандагон таҳқиқ ва ошкор гардид.

- самаранокии амсилаи пешниҳодшуда дар тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон тавассути таҳқиқоту озмоиш муайян гардид.

Дар навгонии илмии пажуҳиш - мукаррароти илмӣ асоснок шуда, ҳолат, имконият, муҳити таълиму тарбия ва шароитҳои педагогии тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тавассути истифода аз ғояҳои ватандӯстона ва ифтихори миллии осори адибони ҳавзаи Кӯлоб дар муассисаҳои тахсилоти миёнаи умумӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор ёфта, ошкор карда шуданд;

- моҳияти тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар мактаббачагон дар асоси осори назмию насрии адибони ҳавзаи Кӯлоб арзёбӣ гардид;

- механизми ташаккули тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон дар ҷараёни корҳои таълимию тарбиявии муассисаҳои таълимӣ дар заминаи назарияи диспозитсионии шахсият аз мавқеи адибони мазкур муайян карда шуд;

- самаранокии амсила ва технологияи ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии ҷавонон дар раванди таълиму тарбия дар асоси ашъори адибон собит карда шуд;

- ҷиҳати тарбияи хонандагони МТМУ бо истифода аз ашъори адибон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ низоми ташхиси психологӣ ва педагогӣ таҳия карда шуд;

- амсилаи сохторӣ-вазифавии раванди таълими муассисаҳои

таълимӣ ҷиҳати ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон бо дарназардошти ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб коркард ва мавриди озмоиш қарор дода шуда, самаранокии он собит карда шуд;

- технологияи ташаккули ҳисси ифтихори ватандорӣ ва худогоҳии миллии хонандагон бо такя ба осори назмии адибон дар раванди корҳои таълимиву тарбиявӣ дар асоси ғояҳои ватандӯстона ва ифтихори миллӣ таҳия карда шуд.

Дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҷойгоҳи тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагон дар раванди таълиму тарбия, корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ; тарбияи хонандагони дар руҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ бо истифода аз ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб ҳамчун ҷузъи ниҳоят муҳими худшиносию худогоҳии миллӣ; роҳҳои самаранок, усул, шакл ва воситаҳои ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагон бо истифода аз ғояҳои ватандӯстонаи ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб; омодагии омӯзорон нисбати тарбияи ифтихори миллӣ ва ватандӯстӣ аз рӯйи коркардҳоитаълимӣ-методӣ; ҳамкории муштараки мактаб ва оила, ки барои ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат мекунад, муҳим арзёбӣ гардидааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки оид ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз ғояҳои ватандӯстонаи ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб аввалин таҳқиқоти алоҳида махсуб меёбад.

Муаллиф тавассути таҳлили назариявӣ ва амалии проблемаи ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ меъёрҳои асосӣ ва нишондиҳандаҳои ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагон равшан ва аниқ кардааст.

Дар асоси омӯзишу таҳқиқи мавзуъ ва натоиҷи корҳои озмоишӣ пешниҳод мекунад, ки ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ бидуни азхуд кардани фарҳанги миллӣ аз имкон берун аст, бинобар ин унсурҳои он бояд ба мундариҷаи фаъолияти таълимӣ ва корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабии хонандагон ворид карда шаванд.

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳимияти мавзуи таҳқиқшаванда собит карда шуда, доир ба маводи таҳқиқ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, навгониҳои илмии диссертатсия, равиши таҳқиқи

мавзуъ, манобеи пажӯҳиш ва сатҳи эътимоднокӣ ва коркарди мавзуъ маълумоти мушаххас оварда шудааст

**Дар боби якум** «Асосҳои назариявии ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ» ба масъалаҳои назариявии ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ бахшида шуда, масъалаи ғояҳои ватандӯстию ифтихори миллӣ дар эҷодиёти адибон фарогири тавсифу баррасии ғояҳои ватандӯстию ифтихори миллӣ дар эҷодиёти адибон мебошад. Шаъну шарафи миллӣ зуҳуроти эҳтироми бепоёни фард ба ҳуввияти миллии худ, хусусиятҳои этнопсихологии миллати худ, огоҳӣ аз сахми миллат дар фарҳанги ҷаҳонӣ, садоқат ба миллат ва амалӣ намудани фаъолияти амалӣ ба нафъи мардуми он мебошад.

Муҳақиқ қайд менамояд, ки ҳамкории муассисаи таълимӣ, оила ва ҷомеа – омили асосии тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ хусусиятҳои ҳамкории муассисаи таълимӣ,оила ва ҷомеаро ҳамчун омили асосӣ дар ин раванд фаро мегирад. Рушду нумуи ҳар як давлат ба худогоҳию худшиносӣ ва ватандӯстию ватанпарварии шаҳрвандони он, бахусус, ба ҷавонон сахт марбут аст. Худогоҳию худшиносӣ, ватандорию ватандӯстӣ омилҳои меҳварӣ ва калидии давлатсозию ҷомеасозӣ мебошанд.

Мушкилоти тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва роҳҳои бартарафсозии он тавассути ғояҳои ватандӯстонаи ашъори адибон вобаста воридсозии эҷодиёти шоирон яке аз василаҳои бартараф намудани душвории мавҷуда дар тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ мебошад.

**Дар боби дуюми рисола** “Таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагон бо истифода аз ашъори адибон” ки ба корҳои таҷрибавию озмоишӣ дар робита ба мавзуи таҳқиқот бахшида шудааст, масъалаҳои амсилаи тарбия ва рушди ватандӯстию ифтихори миллӣ ва моҳияти тарбияи ватандӯстию ифтихори миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии сатҳи тарбияи ватандӯстӣ ифтихори миллии хонандагонро дар бар мегирад.

Муҳақиқ қайд мекунад, ки дар корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тавассути ғояҳои ватандӯстонаи ашъори адибон, тибқи мазмун, мундариҷа ва мавзуи сохтори кори таҳқиқотӣ, вазифаи асосӣ муайян

намудани дараҷаи дарк кардан ва андӯхтани дониши назариявӣ аз ҷониби хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстию ватанпарварӣ, худшиносию худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ (донистани таърихи гузашта ва ифтихор аз гузаштаи таърихи куҳанбунёду муосири хеш, донистани ибрат ва шукӯҳмандӣ, таърихи фарҳангу тамаддун, ҳифзи хотираи таърихӣ, бузургдошти забон ва мероси фарҳангӣ, муҳаббат ва самимияти хос нисбат ба марзу буми Ватан, эҳтиром ба халқу миллатҳои кишвари худ ва миллатҳои ҷаҳони муосир, доро будан ба ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ, суннатҳои давлатдорӣ ва парастиши расму оинҳои судманди аҷдодӣ ва монанд ба инҳо, ки муаррифгари худшиносию худогоҳӣ ва ватандӯстию ифтихори миллии ҳар як хонандаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маҳсуб мешаванд) буд ва тавассути корбаст намудани анкетаҳо (саволномаҳо) корбандӣ гардид.

Натиҷаҳои бадастомада собит месозанд, ки дар самти тарбияи хонанда ва самаранок намудани раванди таълим ва тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои тасилоти миёнаи умумӣ муҳим буда, истифодаи ашъори адабии адибон имконияти васеи пешбурди корҳои методӣ ва таълимиро дар муассисаҳои таълимӣ доро мебошанд. Натиҷаи бадастомада собит месозад, ки истифодаи аз ашъори адабии адибон ба омӯзгорон ва волидон барои тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон имконияти васеъ медиҳад.

Натиҷаи таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдаруҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ҷаласаҳои шуъбаи педагогика ва психология, филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар минтакаи Кӯлоб, дар иттиҳодияҳои методии муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, ноҳияҳои Шамсиддин Шоҳин, Фархор, Восеъ, Муъминобод муҳокима ва мавриди озмоиш қарор дода шудаанд.

Пешниҳод ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия матраҳ гаштаанд, барои самаранокии тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагон, дар шаклгирии муносибати бошууронаи хонандагон ба дастовардҳои педагогикаи миллӣ зимни таҳсил ва берун аз он мусоидат карда метавонанд.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ:**

1. Гарчанде муҳаққиқ “Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022”-ро мавриди омӯзиш қарор дода бошад ҳам, хуб мебуд, ки дар рисола мазмуни барнома васеътар таҳлил гардида, тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии хонандагон, заминаҳои назариявӣ ва амалӣ дар асоси талаботи барнома ва навовариҳои ба дастовардаи муҳаққиқ дар ин самт пешниҳод мегардиданд.

2. Дар боби назарияву методологӣ таҳлили педагогии масъалаҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон ва таҳқиқи онҳо кам ба назар мерасанд.

3. Дар руйхати адабиёт шумораи нокифояи корҳои илмӣ оид ба ин масъалаи таҳқиқот мушоҳида мегардад.

4. Интишороти муаллифи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшаванда бевосита ба мавзуи тарбияи ватандӯстии хонандагон дар мактаб мутаасифона камтаранд.

5. Дар рисолаи диссертатсионӣ хатоҳои грамматикӣ, услубӣ ва техникӣ мушоҳида мегардад.

Бешубҳа, норасоиҳои қайдшуда муҳимияти мазмуну мундариҷаи рисолаи илмии Саодати Раҳмоналиро коста намегардонад, зеро таҳқиқот ба итмомрасида ва мустақил мебошад.

Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводи заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Диссертант аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти таҳқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Саодати Раҳмоналӣ дар мавзуи «Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои тасилоти миёнаи умумӣ» (Дар мисоли ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб) кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Нуқтаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашриёҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Саодати Раҳмоналӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илмҳои педагогӣ,
мудири кафедраи технологияҳои
иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сайёҳии
МДТ "Донишкадаи давлатии фарҳанг
ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода" Раҳмонов Абдусатор Абдуразоқович

20.09.2023 с.

**Маълумот барои тамос:** 724032, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Борбад, 73 "А". МДТ "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода".
Тел.: (+992-37) 2 31 18 27; +992 93 453 02 02; +992 005 33 54 55.
Сомона: www. ddst.tj.

Имзои Раҳмонов Абдусатор Абдуразоқовичро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Ҳамидова З.